# ВНМО (ВИЧ) - инфексия







Маводи мазкур бо дастгирии Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии “СФШҒ-Тоҷикистон” дар доираи лоиҳаи “Коҳиши норасонӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ”, ки аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия маблағгузорӣ карда мешавад, чоп карда шудааст.

Ҳамаи ҳуқуқҳо хифз шудаанд.

Интишор, интиқол, паҳн намудан ё нусхабардорӣ намудани ҳар кадом қисми китобча иҷозат дода мешавад ба шарте, ки он бо мақсади ғайритиҷоратӣ дар оянда истифода бурда мешавад. Албатта ба ТҶҶ “СФШҒ-Тоҷикистон” (AFEW-Tajikistan) ишора намоед.

Ройгон паҳн карда мешавад.

© ТҶҶ “СФШҒ-Тоҷикистон” (AFEW-Tajikistan), соли 2017.
Веб-сайт: www.afew.tj
Почтаи электронӣ: tajikistan@afew.tj

# ВНМО (ВИЧ) - инфексия

## ВНМО (ВИЧ) – ин вируси норасоии масунияти одам

Вирус системаи масуниятро, ки вуҷуди инсонро аз ҳама гуна сироят эмин нигоҳ медорад, заиф мегардонад. ВНМО (ВИЧ) ба ҳуҷайраҳои муайяни системаи масунияти инсон зарар мерасонад ва иллатнок месозад. Одамони бо ВНМО (ВИЧ) зиндагикунандаро, инчунин ВНМО мусбӣ (ВНМО+), ё ин ки мубталои ВНМО меноманд.

## БПНМ (СПИД) – ин бемории пайдо шудани норасоии масуният

Инсон ҳангоми заиф гардидани системаи масуният тобоварӣ ба ҳама гуна бемориҳо, аз ҷумла бемориҳои сироятиро аз даст медиҳад (мисол, бемории сил, илтиҳоби шуш (пневмония)). Чунин сироятҳоро «оппортунистӣ» меноманд ва онҳо ҳангоме авҷ мегиранд, ки системаи масунияти инсон заиф гардида, наметавонад нисбати

барангезандаи чунин бемор̣ӣ муқобилият нишон диҳад. Ҳангоме, ки дар инсони мубталои ВНМО (ВИЧ) масунияти бадан то як сатҳи муайян паст гардад ва/ё ӯ ба як ё якчанд бемориҳои оппортунистӣ гирифтор мешавад, ӯро гирифтори бемории пайдошудаи норасонии масуният (БПНМ) меноманд.

## Вируси норасоии масунияти одам чӣ тарз интиқол меёбад?

**ВНМО (ВИЧ)** тавассути хун, манӣ (нуфта), тарашшуҳоти маҳбал, шири модар интиқол меёбад.

**ВНМО (ВИЧ)** тавассути дигар моеъҳои ҷудошаванда (оби даҳон, арақи бадан, ашк, пешоб ва наҷосат) интиқол намеёбад.



### ВНМО (ВИЧ) метавонад дар ҳолатҳои зайл интиқол ёбад:

- ҳангоми якҷоя ё такроран истифода бурдани сӯзан, сӯзандору, таҷҳизоти тазриқии тамъизнашуда (ғайристерилӣ);



- ҳангоми алоқаи ҷинсии ҳифзнашуда (бе воситаҳои пешгирикунанда, рифола (презерватив));



- ҳангоми истифодаи асбоби риштарошӣ ё дандоншӯии шахси бегона, ки дорои боқимондаҳои хун мебошад;



- аз модари мубталои ВНМО (ВИЧ) ба кӯдак ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ё ҳангоми синамаконӣ;

- ҳангоми истифодаи таҷҳизоти тамъизнашуда барои вашм (холкӯбӣ) ва ё сӯрох кардани пӯст (татуировка).

Хатари сироят тавассути алоқаи ҷинсӣ, ҳангоми мавҷудияти бемориҳои гинекологӣ ва бемориҳои сироятии ҷинсӣ афзоиш меёбад.

***Ҳолатҳои мубталоӣ ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар дар байни истеъмолкунандагони маводи нашъаовари тазриқӣ ба мушоҳида мерасад.***

Ба ғайр аз хатари мубталоӣ ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)) ва дигар бемориҳои сироятӣ истеъмоли маводи нашъаовар метавонад боиси сар задани дигар мушкилот гардад. Ба таври мисол:

- шахсе, ки маводи нашъаоварро истеъмол мекунад, заифу нотавон гардида, муоличаи ӯ аз бисёр бемориҳо, аз ҷумла бемории сил, сирояти пӯст ниҳоят душвор аст. Онҳое, ки маводи нашъаоварро истеъмол мекунанд, дандонҳояшон зуд вайрон шуда, узвҳои дохилаашон мунтазам хуб кор намекунад;

-маводи нашъаовар аксар боиси низоъу мунокиша гардида, шумо метавонед дар натиҷа тобеъю мӯҳтоҷи шахси дигар бошед ва ӯ ба шумо фишор оварда,

шартҳои худро пеш мегузорад, ба ичрои ин ё он амал маҷбур месозад. Вобаста ба ин муносибати шумо бо атрофиён метавонад ба таври манфӣ тағйир ёбад.

## ВНМО (ВИЧ) – дар ҳолатҳои зерин интиқол намеёбад:

- фушурдани даст, ба оғӯш кашидан ва бӯсидан;
- сулфа ва атса задан;
- таҳияи таом ва истеъмоли он;
- истифода аз зарфи умумӣ, асбобу анҷоми ошпазхона, сачоқ ё ҷойгаҳи хоб;
- исфодаи ташноб (ҳоҷатхона) ва душ барои оббозӣ;
- машғулияти оммавӣ ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ;
- дар як бино қарор доштан бо шахси мубталои вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ));
- газидани ҳашарот ва ҳайвонот.

## Чӣ тавр метавон вируси норасии масунияти одамро ошкор кард?

Ягона усуле, ки тавассути он метавон мавҷудияти вируси норасоии масунияти одамро ошкор кард, ин супоридани хун барои муоина мебошад.

## «Давраи ниҳонӣ» чӣ маънӣ дорад?

Барои ҳосил намудани моддаҳои бегона дар вуҷуди инсон аз ду ҳафта то се моҳ (дар баъзе ҳолатҳо то шаш моҳ) зурур аст, ки бо роҳи ташхиси хун ошкор намудани онҳо имконпазир шавад. Ин мӯҳлат «давраи ниҳонӣ» ном гирифтааст. Ташхис дар ин муддат метавонад натиҷаи манфӣ диҳад. Аз ин рӯ баъди се моҳ бояд ташхиси такрорӣ анҷом дода шавад. Дар «давраи ниҳонӣ» хун, манӣ, тарашшуҳоти маҳбал ва шири шахси мубталои вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)) дорои миқдори кофии вирус мебошад, ки метавонад ба дигар одамон сироят кунад.

## Чӣ тавр метавон сироятро пешгирӣ намуд?

- бояд аз истеъмоли маводи нашъаовар ё истифодаи маводи нашъадори тазриқӣ даст кашид;

- набояд аз сӯзан, сӯзандору ва/ё таҷҳизоти дигари тазриқии тамъизнашуда истифода бурд;



- ҳангоми алоқҳои ҷинсӣ бояд аз воситаҳои пешгирикунанда (рифола) истифода бурда шавад;

- барои холкӯбӣ ё сӯрох кардани пӯст бояд таҷҳизоти тамъизшуда истифода бурда шавад;

- бояд аз робитаи мустақим бо хун ва маводи дорои нишонаҳои олудагӣ бо хун худдорӣ кард;

- бояд танҳо аз воситаҳои гигиенаи шахсӣ ё нав харидашуда (асбоби риштарошӣ, дандоншуӣ) истифода намуд.

## Муолиҷаи бемории вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ))

Ҳанӯз муолиҷаи пурраи ВНМО ва БПНМ (ВИЧ ва СПИД) (Вируси норасоии масунияти одам ва Бемории пайдошудаи норасоии масунияти инсон) имконнопазир аст, вале доруҳои махсусе мавҷуданд, ки метавонанд фаъолнокии вирус, инчунин зараре, ки он ба системаи масунияти инсон мерасонад, боздоранд ва ба хурӯҷ ва гузариш ба дараҷаи  БПНМ (СПИД) монеъ шаванд. Дар натиҷа умри инсон солҳои тӯлонӣ давом хоҳад ёфт.

**Инчунин бисёр доруворихои самарабахши дигар мавҷуданд, ки бо кӯмаки онҳо метавон аксари бемориҳои оппортунистиро пешгирӣ ё муолиҷа намуд.**

**Бо вуҷуди мубталоӣ ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)) зиндагӣ идома дорад ва давомнокию сифати умри инсон аз бисёр ҷиҳат ба худи шахсони мубталои ВНМО (ВИЧ) вобаста аст.**

**Истеъмоли маводи нашъаовар метавонад боиси ба таври назаррас паст гардидани давомнокии умри шахси мубталои ВНМО (ВИЧ) гардад. Аз ин рӯ дар чунин ҳолат даст кашидан аз истеъмоли маводи нашъадор икдоми ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад. Ин амал ба инсон имконият медиҳад, ки солҳои тӯлонӣ саломатии худро нигоҳ дорад ва хушбахтона умр ба сар барад.**